# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Омӯзиши забони тоҷикӣ яке аз рукнҳои асосии ташаккули шахсият аз замони кӯдакию наврасӣ ба ҳисоб меравад. Соҳае нест, ки дар он каломи модарӣ истифода нашавад. Собит гардидааст, ки забони тоҷикӣ танҳо фанни таълимӣ набуда, балки воситаи муҳимми таълим низ мебошад. Замона ва ҷомеаи муосир талаб менамоянд, ки муассисаҳои таълимӣ шогирдонеро бар камол расонад, ки дар пешрафти кишвар фаъолияти хуб нишон диҳанд ва ҳар кадоме соҳиби маданияти олӣ, нутқи фасеҳи шифоҳӣ ва хаттӣ бошанд. Дар парваридани чунин хислатҳо дар вуҷуди инсон танҳо забони модарӣ ва омӯзиши он қодир аст. Дар радифи рисолаҳои илмие, ки солҳои охир ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълими ин фанни муҳим, яъне забони тоҷикӣ рӯйи кор омада истодаанд, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна низ ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрам – истифодаи осори классикон дар таълими фанни забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бахшида шудааст.

Рисола дар доираи муқаддима, ду боб, зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок намуда, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо, методҳои таҳқиқотро мушаххас намуда, ҳамзамон, навоварӣ, аҳаммияти назарияву амалӣ, асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшавандаро мантиқан дуруст пешниҳод намудааст.

Диссертант дар боби аввали кор (“Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои VIII-IX) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон) перомуни асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-ум ва 9-ум дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар пояи омӯзиши осори классикон дар китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9-ум, асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишофи нутқи мураттаби хонандагон андешаронӣ намуда, бо такя ба пешниҳодҳои методистони варзида ба хулосаҳои амиқ расидааст.

Дар боби дуюм, ки “Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб” унвон дорад, диссертант дар бораи истифодаи осори ибратомӯзи классиконро дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб андешаронӣ карда, озмоиши таълимӣ-методии усулҳои пешниҳодшудаи таълими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9-ум дар раванди таълими синтаксиси забони тоҷикиро гузаронидааст. Дар ин боб натиҷаҳои таълими озмоишию таҷрибавӣ баррасӣ шудаанд, ки вазифаи он таҳлили фарзияи пешниҳодгардида мебошад. Муаллиф ба хулоса мерасад, ки зимни мақсади асосии синтаксис дар мактаб, ки он ба мақсади таълими морфология шабоҳат дорад, ду нукта: а) инкишоф додани мустақилияти тафаккури абстрактии хонандагон ва б) дар онҳо тарбия намудани нутқи шифоҳиву хаттии бошуурона ва мавзуну дуруст муҳим аст.

Ба фикри унвонҷӯй, агар аз бар намудани донишҳои забонӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он – ташаккули нутқи мураттаби хонандагон дар асоси осори пандомези классикон, рушди маҳорати суханварӣ ва муоширати озод ва фасеҳ, шиносоии комил бо осори

бузургон, истифода карда тавонистани ғояҳои осори классикон дар ҳаёт, бой гаштани захираи луғавӣ, ташаккули салоҳиятҳои забониву иртиботӣ маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки дар рисола инчунин робитаи фанни методикаи таълими забон бо илмҳои дигар мавриди баррасии васеъ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, ба фаъолияти аналитикӣ ва синтетикии омӯхтани донишҳо, ташаккули маҳорат ва малака, рушди салоҳиятмандии забонӣ, муайян намудани сабабҳои асосии эҷод шудани мушкилот ва душвориҳо дар самти забономӯзӣ, рушди инфиродии муҳассилин ва амсоли он таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Дар рисола вазъи таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин сифати китобҳои дарсии "Забони тоҷикӣ" таҳлил ва муқоиса шуда, андешаҳои муаллифи диссертатсия оид ба сифатан беҳтар кардани вазъи таълим ва омӯзиши ин қисмати фанни таълим баён ёфтааст.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки унвонҷӯ зимни таҳлили теъдоди зиёди адабиёти педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ, коркарди маводи зарурӣ ҷиҳати ташкили машғулиятҳои синфӣ ба ҳалли мақсаду вазифаҳои пешгузоштаи хеш даст ёфтааст. Инчунин, дар рисола шарҳу тафсири намунаҳо аз осори манзуму мансур бо мақсади такмили маводи китобҳои дарсӣ ва, зиёда аз ин, тавсияҳои мушаххасу дақиқ бобати самаранокии корҳои таълимиву тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ басо муҳим арзёбӣ гардидаанд.

Қисмати хулоса натиҷаҳо ва бардоштҳои мушаххаси муаллифро аз муҳтавои умумии таҳқиқот ва озмоишҳои педагогии таъсисдодаи ӯ фаро мегирад. Ин нукта моро ба чунин хулоса меоварад, ки он ҳама натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои мушаххаси назариявӣ ва асосноккунии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола дар сатҳи зарурӣ анҷом пазируфтаанд, аз арзиши баланди илмии кор дарак медиҳанд.

Дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои имловӣ ва техникӣ, ҷумлаҳои ноқис ва умумигӯй, номутобиқатии иқтибос бо феҳрасти адабиёт, номуайнии манбаи матнҳо ба назар мерасад, ки мазмун, мӯҳтаво, сохтор ва ғояи дисертатсияро халалдор накардааст, аммо ислоҳи онҳо ба фоидаи кор маҳсуб мешавад.

Аммо ин камбудиҳои таъкидшуда ҳаргиз арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсир нахоҳанд расонд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "«Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9-ум) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон»" аз лиҳози банду баст, сохтор, истифодаи методи таҳқиқ, роҳҳои гузаронидани озмоиш, мазмуну муҳтаво ба талаботи Комиссияии олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04– Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забони давлатӣ ва
ҷомеашиносии Донишкадаи
политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Темирова Х. И.

**Маълумот барои тамос:** Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони
Исмоили Сомонӣ 226,
Тел.: 8 3422 60454

Имзои Х. И. Темироваро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳои
Донишкадаи политехнникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Юсупова М.Ш.

2.05.25